# 160730 - Марде вафот кард ва як духтару писари писари бародар аз худ ба ҷой гузошт

**савол**

Марде хеле пеш вафот кард ва як порча замине дошт ва ягон васиятномае нагузошт. Аз хонаводаи ин мард ба ҷуз духтари ягонааш ва писари писари амаки ин духтар дигар касе боқӣ намондааст. Ҳиссаи ҳарду ҷониб чи қадарӣ аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар марде бимирад ва як духтар ва писари писари бародар аз худ боқӣ бигзорад, ба духтар нисфи мерос дода мешавад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

يُوصِيكُمُ اللهُ فِي أَوْلَادِكُمْ لِلذَّكَرِ مِثْلُ حَظِّ الْأُنْثَيَيْنِ فَإِنْ كُنَّ نِسَاءً فَوْقَ اثْنَتَيْنِ فَلَهُنَّ ثُلُثَا مَا تَرَكَ وَإِنْ كَانَتْ وَاحِدَةً فَلَهَا النِّصْفُ

سورة النساء: ١١

**«Аллоҳ дар бораи фарзандонатон ба шумо суфориш мекунад, саҳми писар монанди саҳми ду духтар аст. Пас агар занон (духтарон) беш аз ду нафар бошанд, ду саввум (ду сеяк, аз се ду ҳисса)-и мерос аз онҳост. Ва агар як духтар бошад, пас нисфи мерос аз они ӯст».** (Сураи Нисо: 11).

Боқимонда барои писари бародари майит аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

**«Фароиз (ҳиссаҳои муайяншудаи ворисон)-ро ба соҳибонаш бидиҳед. Агар аз он чизе боқӣ бимонад, ба наздиктарин мард бидиҳед».** Ривояти Бухорӣ (6732) ва Муслим (1615).

Ӯ нисфи меросро ҳамчун асаба соҳиб мешавад.

Аллоҳ донотар аст.